Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи “Нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз рӯйи ихтисоси 6D 051300 – иқтисодиёти ҷаҳонӣ

Вазифаи муҳими стратегии кишвар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми он мебошад. Дар замони муосири глобализатсия ба кишварҳо бе ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва ташкилотҳои хориҷӣ таъмин намудани рушди иқтисодӣ ниҳоят душвор мебошад. Дар натиҷа бо мақсади рушди иктисодиёти кишвар густариши хамкориҳо бо созмонҳои иқтисодии байналмилалй тақозои замон аст. Тақвият додани ҳамкорӣ бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусан дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ муҳим арзёбй мегардад. Чунки созмонҳои иқтисодии байналмилалй дорои имкоияти молиявию технологии зиёд буда, метавонанд ба рушди соҳаҳои мухталифи кишвар таъсири мусбӣ расонанд.

Дар замони муосир бухрони иқтисодии ҷаҳонӣ мушкилиҳои навро барои хоҷагиҳои миллӣ эҳё намуда, яке аз монеаҳои асосӣ барои рушди иқтисодиёти кишвар сармоягузориҳои махдуд дар рушди инсонӣ, саноат, инфрасохтор ва соҳаи иҷтимоӣ-мехнатӣ ба шумор мераванд. Бинобар ин, зарурати ҳарчи зудтари рушди шарикии субъектҳои ҷумҳурӣ бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки яке аз самтҳои муҳим дар татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба шумор меравад. Дар Стратегия миллӣ кайд гардидааст: “Ояндаи кишвари мо бетағйир боқӣ мемонад - нигохдории вахдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иктисодӣ, беҳсозии некуаҳволии мардум.”

Пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои муфидро бо созмонҳои иқтисодии байналмиллалӣ рушд дода истодааст. Дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расидаанд, ки ҳамкориҳоро боз ҳам густариш мебахшанд. Аз ин ру, бо мақсади боз ҳам тақвият додани ҳамкорӣ бо созмонҳои иқтисодии байналмилалй ва боло бурдани нақши онҳо дар иқтисоди миллӣ, тадқиқоти илмӣ муҳим мебошанд. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки таҳқиқоти илмии муаллиф дар ин самт саривактӣ буда, мавзуи интихобгардида мубрам ва дақиқ дониста мешавад.

Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, феҳристи интишороти илмии муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Дар раванди тадкикот муаллиф аз сарчашмаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ истифода намудааст, ки ин гувоҳи амиқ ва дақиқи баррасии мавзуи мазкур мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар автореферат пайдарҳамии андешаҳо ба назар мерасад ва муҳтавои рисолаи илмӣ пурра инъикоси худро ёфтааст. Сохтори автореферат тибки Низомномаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон тахия гардида, ба талабот ҷавобгу аст.

Аз тахлили автореферат хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки унвонҷу Шарифӣ Дилшод асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии мавзуъро ба таври дақиқ баррасӣ намуда, зимни тадқиқот ба унвонҷу муяссар гардидааст, то ҷанбаҳои мухталифи ин самтро омухта, роҳҳои густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ муайян намояд. Шарифӣ Дилшод кайд менамояд, ки равандҳои мураккаби иқтисодию сиёсӣ, ки ҳоло дар тамоми ҷаҳон ва махсусан дар кишварҳои ИДМ ҷараён доранд, ҳам сафарбар намудани захираҳои миллӣ ва ҳам ҷалби сармояи хориҷиро талаб мекунанд. Дар робита ба ин, зарурати тақвияти ҳамкориҳои бисёрҷабҳа бо СИБ, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввали солҳои 90-ум фаъолона ҳамкорӣ мекунанд, дар мадди аввал меистад. Ҳамин ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ё он сохторҳои байналмилалии макроиқтисодӣ шомил карда шаванд, кишвар бояд ба таври лозим мавқеи худро оид ба масъалаҳои марбут ба арзёбии ин сохторҳо ва муайян кардани самт ва хусусияти дигаргунсозии минбаъдаи онҳо баён карда тавонад. Аз ин рӯ, тадқиқот оид ба таҳлили тамоюлҳои ояндаи ҳамкориҳои СИБ бо кишвар рӯз аз рӯз муҳимтар мегардад. Ақидаи унвонҷу сазовори дастгирӣ мебошад, зеро дар шароити муосир ҷиҳати густариши фаъолияти ин созмонҳо, бояд фазои мусоид ва механизми нави ҳамкориҳо ба роҳ монда шавад.

Умуман, метавонем дард намоем, ки унвонҷу Шарифӣ Дилшод муҳтавои асосии рисоларо дар автореферат ҷой намудааст ва натиҷаҳои дар раванди тадқиқот ба даст омадаро метавон, ҷихати рушду инкишофи ҳамкориҳо бо созмонхои иқтисодии байналмилалӣ, хангоми таҳияи хуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегияҳо истифода намуд.

Ғайр аз ҳолатҳои мусбӣ ва натиҷаҳои муфиди илмӣ, таҳқиқотӣ, дар афтореферати диссертатсия ба чунин камбудихо дучор шудан мумкин аст:

1. Барои бехтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки расми 1 дар сах. 9 ва расми 2 дар саҳ. 12 ба таври мукаммал шарх дода шаванд;

2. Дар автореферати диссертатсия як қатор камбудиҳои имлои низ дида мешавад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои муайян гардида, ба арзиш ва сифати илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд. Норасоиҳои дарҷшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти муаллиф ва авторефератро дар маҷмуъ зери суол намекашанд.

Дар асоси баррасии автореферати диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзуи "Нақши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD аз руйи ихтисоси 6D 051300 - иктисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботхои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чавобгу мебошад. Унвонҷӯ Дилшод Шарифӣ - ро метавон сазовори дараҷаи илмии доктор PhD аз руйи ихтисоси 6D 051300 - иқтисодиёти ҷаҳонӣ донист.

Н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои
байналмилалии ДДТТ Ҳомидзода Ғ.

Имзои Ҳомидзода Ғуломалиро тасдиқ менамоям.

Мумтоз Назирӣ
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ